Дар бораи тасдиқ намудани “Тартиби ҳисобкунӣ
ва муҳлати пардохти андозҳо барои субъектҳои
минтақаҳои озоди иқтисодӣ”

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 326 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби ҳисобкунӣ ва муҳлати пардохти андозҳо барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Тартиби мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Тартиби мазкур чораҷӯӣ намояд.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани Тартиби мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Фармоиши мазкур баъд аз санҷиш, бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012 таҳти № 21- Ф дар бораи тасдиқ намудани “Тартиби ҳисобкунӣ ва муҳлати пардохти андозҳо барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз эътибор соқид дониста шавад.

7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Ҷабборов Р.Т. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**